«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
д.и.и., дотсент ________ Асрорзода У.С.
аз «__18__» ____06____ 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзуи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

## Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзуи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад: 9.1. Назария, методология, консепсияҳо ва принсипҳои асосии муносибатҳои қарзӣ хамчун ҷабҳаҳои пайдоиши низоми қарзӣ; 9.3. Инкишофи инфрасохтори муносибатҳои муосири қарзӣ, шакл ва усулҳои қарздиҳӣ; 9.6. Қонунҳо ва тамоюлҳои рушди соҳаи қарзӣ; 9.7. Таҳаввулоти муносибатҳои қарзӣ; қонуниятҳо ва тамоюлҳои муосири рушд, муносибатҳои мутақобилаи қарз ва гардиши пулӣ, молия, бозори молиявӣ, тақвияти таъсири қарз ба истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти ҷамъиятӣ; 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.4. Муаммоҳои таъмини сиёсати мутавозунии бонкӣ дар раванди сармоягузорӣ, қарздиҳӣ ва ташаккули пассивҳои бонкӣ дар атрофи тамоми сарчашмаҳо ва захираҳо; 10.6. Рақобати байнибонкӣ; 11.5. Афзалиятҳои сиёсати пулию-қарзии муосир ва вокуниши бахши воқеӣ дар татбиқи он; 11.8.Танзими давлатии ташкилотҳои молиявию қарзӣ.

## Мубрамии мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ

Яке аз асосҳои инкишофи иқтисодии давлат соҳибкории хурд буда, дар ин робита, норасоии маблағгузорӣ яке аз мушкилоти асосие мебошад, ки аҳолии камбизоати ҷумҳурӣ бо он ҳангоми кӯшиши ташкил ва инкишоф додани соҳибкории хурд дучор мешаванд. Дар ин робита, дастгирии соҳибкории хурд, ҷалби сармоя барои инкишофи хеш хело

мубрам гардида, давлат ба муҳайё сохтани шароитҳои муносиб ҷиҳати инкишофи он манфиатдор мебошад. Механизме, ки бояд ин зиддиятҳоро ҳаллу фасл намояд, яъне чунин намуди барномаҳои қарздиҳӣ ба монанди маблағгузории хурд барои соҳаи молиявии Тоҷикистон нисбатан нав мебошад. Аксари аҳолие, ки даромади паст доранд ва мехоҳанд, соҳибкории худро ба роҳ монанд, ба сарчашмаҳои молиявии анъанавӣ дастрасӣ надоранд, чунки низоми анъанавии бонкӣ, ки ба соҳибкорон қарз медиҳад, низоми нисбатан сахти стандартҳоро доро мебошад. Шарти аз ин вазъият баромадан ин инкишоф додани ниҳодҳои маблағгузории хурд мебошад. Ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бозори хизматрасонии молиявӣ имрӯзҳо ҷойи хешро бо динамикаи мусбати тавсеаи ҳиссаи бозори хизматрасониҳои молиявӣ барои соҳибкории хурд ишғол намудаанд.

Аз дигар тараф, ба вуҷуд овардани имкони дастрасӣ ба бозорҳои молиявӣ яке аз роҳҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ буда, фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дастгирии қишрҳои нисбатан камбизоати аҳолӣ мебошад. Маблағгузории хурд – ин олотест, ки марҳилаи нави рушди иқтисодии кишварро таъмин намуда, имкон медиҳад, ки ҳамзамон нобаробариҳои иҷтимоӣ ба танзим даровардa шаванд.

Дар айни ҳол, яке аз унсурҳои муҳими дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна ин рушд додани фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд мебошад, зеро дастгирии молиявии соҳибкории хурду миёна омили калидии дастрасӣ ба мақсадҳои сиёсати давлатӣ дар заминаи ҳавасмандгардонии инкишофи соҳибкорӣ маҳсуб меёбад. Ба сифати омилҳои асосӣ, ки суръати рушди соҳибкории истеҳсолии хурдро бозмедоранд, месазад мушкилоти қарздиҳии воқеии соҳибкории истеҳсолии хурдро ҷудо намоем.

Бояд қайд намуд, ки ба рушди бахши маблағгузории хурд дар мамлакат набудани стратегияи аниқи рушд ва дарки нақши он дар низоми қарзии ватанӣ монеа шуда истодааст, ки дар натиҷа, масъалаҳо оид ба рушди низоми ташкилотҳои маблағгузории хурд, номгӯи хизматрасониҳои онҳо, тавсифи ин хизматрасониҳо бо амалиёти бонкӣ ҳалли худро талаб менамоянд.

Ҳамин тариқ, дар шароити муосир, талабот ба рушди бозори маблағгузории хурд, ки ба таври назаррас тавсеа ёфта истодааст, масъалаи ҳалталаби иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, пеш аз ҳама рушди институтсионалии он дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ бо мақсади дарки роҳҳои имконпазири рушди иқтисодӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳамаи ин гуфтаҳо мубраму рузмарра будани мавзуи интихобгардидаи диссертатсияро дар самти ташаккул ва рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти илмӣ-амалии онро барои таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар собит месозад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Дараҷаи асосноккунӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида бо истифодаи ҳаҷми калони маводҳои соҳаи молиявӣ-қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои омории Агентии омори назди Президенти ҶТ, истифодаи усулҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ, ҳамчунин ру овардан ба асарҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ оид ба проблемаи тадқиқшаванда тасдиқи худро ёфтаанд.

Сатҳи навгонии натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф пеш аз ҳама дар он дида мешавад, ки у кушиш намудааст хусусиятҳои хоси ташаккул ва рушди маблағгузории хурдро ҳамчун омили махсуси таъмини рушди соҳибкории хурду миёна ва паст карди сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар ҳамбастагӣ бо муаммоҳои умумииқтисодӣ муайян созад.

Ҳамзамон дар рафти тадқиқот самтҳои гуногуни илмии таъмини рушди маблағгузории хурд ҳамчун як соҳаи калидӣ дар устувору мукаммалгардонии иқтисодиёти миллӣ таҳлил, хулосабарорӣ ва ҷамъбаст карда шудаанд.

Натиҷаҳои мушаххаси илмии довталаби дараҷаи илмӣ пеш аз ҳама аз навгониҳои илмӣ бармеоянд. Навгониҳои илмии таҳқиқот ҳалли масъалаҳои илмӣ, методӣ ва амалии ташаккул ва рушди маблағгузории хурд ва муайянсозии нақши он дар таъмини рушди иқтисодии кишварро дар бар мегиранд. Аз он ҷумла:

➢ ҷанбаҳои асосии ташаккул ва рушди маблағгузории хурд муайян карда шуда, он ҳамчун шакли фаъолияти молиявие, ки мақсади он ҷалб намудани даромад ва расонидани хизматрасониҳои гуногуни молиявӣ ба аҳолии камбизоат ва субъектҳои хоҷагидории хурду миёна маънидод шудааст;

➢ хусусиятҳо ва принсипҳои асосии ташаккул ва рушди раванди маблағгузории хурд аниқ карда шуда, мафҳуми маблағгузории хурд ҳамчун фаъолияте, ки дар худ симбиози ҳадафҳои иҷтимоӣ ва самараи тиҷоратиро таҷассум намудааст, баён шудааст;

➢ вазъи рушди маблағгузории хурд дар мамлакат ва минтақаҳои он таҳлил гардида, таъсири маблағгузории хурд ба коҳишёбии сатҳи

камбизоатӣ арзёбӣ шуда, ҳамчунин амсилаи бисёрченакаи иқтисодӣ-оморӣ аз рӯи 5 омили маблағгузории хурд таҳия карда шуда, алоқамандии зич доштани онҳо муайян карда шудааст;

➢ барои такмили фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои илман асоснок кардашуда пешниҳод карда шудаанд, ки ба устувории фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд мусоидат хоҳанд намуд;

➢ роҳҳои танзими давлатии ташаккул ва рушди маблағгузории хурд дар ҷумҳурӣ дар асоси SWOT-таҳлили он пешкаш шудааст;

➢ таҷрибаи ташаккул ва рушди маблағгузории хурд дар мамлакатҳои хориҷӣ таҳлил гардида, қайд карда шудааст, ки дар ин давлатҳо маблағгузории хурд ба зиёдшавии даромади хонаводаҳо мусоидат карда, барои рушди иқтисодӣ шароит фароҳам овардааст. Ҳамзамон, истифодаи баъзе самтҳои муҳими таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар ҶТ тавсия гардидаанд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар он дида мешавад, ки тавсияву пешниҳодҳои дар натиҷаи тадқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд аз тарафи сохторҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди низоми қарзии кишвар, сиёсати пулию қарзӣ ва рушди муассисаҳои қарзӣ истифода шуда, метавонанд ба устуворгардии мавқеи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бозорҳои дохилию беруна мусоидат намоянд.

Ҳамчунин, баъзе қисмҳои алоҳидаи диссертатсияро дар мактабҳои олию махсус ҳангоми тайёр намудани мутахассисони соҳаи молиявӣ-қарзӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он**

Дар диссертатсия масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, равишҳои методологии ташаккул ва рушди маблағгузории хурд баррасӣ гардида, дар ин асос ҷанбаҳои асосии рушди маблағгузории хурд дар мамлакат муайян карда шудаанд, ки ин саҳми илмии муаллифи диссертатсияро дар ҳалли масъалаҳои соҳаи маблағгузории хурд ифода мекунад. Таҳлили муҳтавои бобҳои алоҳидаи диссертатсия, ки дар онҳо масъалаҳои мубрами назариявию амалӣ ва методии рушди маблағгузории хурд таҳқиқ шудаанд, аҳамияти илмии ҳалли мушкилоти маблағгузории хурд ва рушди онро тасдиқ мекунад. Вобаста ба омӯзиши асосҳои назариявӣ-

услубии ташаккул ва рушди маблағгузориҳои хурд, таҳлили вазъи рушди маблағгузории хурд ва арзёбии сатҳи камбизоатӣ дар кишвар, самтҳои асосии ташаккул ва рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса ва тавсияҳои барои илм ва амалияи маблағгузории хурд судманд таҳия гардидаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди маблағгузории хурд истифода шаванд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст**

Шиносоӣ бо мазмуну мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф миқдори зиёди асарҳои илмии олимон-иқтисодчиёни пешбари хориҷи дуру наздик ва ватаниро омухтааст, ки аз муносибати ҷиддии диссертант ба муаммои тадқиқшаванда дарак медиҳад.

Рисолаи диссертатсионӣ аз сарсухан, се боб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар **сарсухан** муҳимияти мавзуи тадқиқот, дараҷаи омузиши масъала дарҷ гардида, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, объект ва предмети тадқиқот мушаххас карда шудаанд. Инчунин навоварии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаҳои назарраси тадқиқот, ки ҷанбаи навоварии илмӣ доранд ва шахсан аз ҷониби муаллиф ба даст омадаанд, нишон дода шудаанд. Муаллиф аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва иқтисодии натиҷаҳои ба дастомада, заминаҳои назариявӣ, методологӣ ва иттилоотии тадқиқотро муфассал зикр карда, тамомияти дарҷшавии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсиониро дар нашрияҳо нишон додааст.

Дар боби якуми диссертатсия, ки **“Асосҳои назариявӣ-услубии ташаккул ва равнақи маблағгузориҳои хурд”** номгузорӣ шудааст, муаллиф ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди маблағгузориҳои хурд дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир, хусусиятҳо ва принсипҳои асосии ташаккул ва рушди раванди маблағгузории хурд, усулҳои маблағгузориҳои хурд ва фарогирии аҳолии камбизоатро мавриди омузиш қарор додааст. Омузиши доираи васеи сарчашмаҳо ба муаллиф имкон додаанд, ки нуқтаи назари олимони гуногунро аз мамолики дуру наздик доир ба заминаҳои пайдоиш ва маънидодкунии моҳияти мафҳуми “маблағгузории хурд” гирд оварда, хусусиятҳои хоси онро нисбат ба дигар намудҳои муосири маблағгузориву қарздиҳӣ нишон диҳад.

Дар натиҷаи омӯзиши асарҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ оид ба маблағгузории хурд, муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки мафҳуми

маблағгузории хурд ҳамчун шакли фаъолияти молиявие, ки мақсади он дар шароити муосир ҷалб намудани даромад, ба воситаи иҷрои хизматрасониҳои мухталифи молиявӣ, маъмулан ба аҳолии камбизоат ё субъектҳои хоҷагидории хурду миёна аз қишрҳои гуногуни ҷомеа, дар асоси зарурати беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ мебошад. Дар ин замина чаҳор ҷанбаи муҳими иқтисодӣ ва иҷтимоии мафҳуми илмии маблағгузории хурд ҷудо карда шудаанд. (саҳ.24-25)

Бо нишон додани вазифаҳои асосии маблағгузории хурд муаллиф чунин хулосабарорӣ намудааст, ки "нақши маблағгузории хурд дар ҳавасмандии худмашғулиятии аҳолии камбизоат, ташаккул ва равнақи микробизнес аз ҷониби хоҷагиҳои хонаводагӣ дар деҳот ва ҳамчунон дастрасии аҳолӣ ба қарзҳои истеъмолӣ хеле бориз аст". (саҳ.30)

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот нисбати зарурату аҳамияти маблағгузории хурд муаллиф чунин ғояро ифшо намудааст: аҳолии камбизоат чун дигар ашхоси ҷомеа ба хизматрасониҳои молиявӣ эҳтиёҷ доранд, он ҳамчун воситаи пасткунии сатҳи камбизоатӣ ба баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. (саҳ.34)

Таҳқиқи нуқтаи назари олимони дар самти маблағгузории хурд таҳқиқотбурда ва таҳлили фаъолияти муосири ташкилотҳои гуногуни қарзӣ ба муаллиф имкон додаанд, ки якчанд принсипҳои асосии фаъолияти маблағгузории хурдро ошкор созад. (саҳ.44-48)

Дар раванди баррасии масоили методикаҳои маблағгузории хурд ва усулҳои дарёфту фарогирии аҳолии камбизоат муаллиф тавонистааст, ки бартариву норасогиҳои усулҳои гуногуни маблағгузории хурдро мавриди таҳлил қарор дода, хулосаҳои зарурӣ барорад. (саҳ.50-69)

Боби дуюми диссертатсия **"Таҳлили вазъи рушди маблағгузории хурд ва арзёбии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"** ном дошта, дар он таҳлили вазъи рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он гузаронида шуда, раванди маблағгузории хурд ва таъсири он ба паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст, амсиласозии иқтисодӣ-омории омилҳои рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст.

Дар ин замина муаллиф санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи самти маблағгузории хурдро дар ҷумҳурӣ таҳлил намуда, якчанд муҳимтарин дастовардҳои ин соҳаро арзёбӣ намудааст, ҳамзамон дар заминаи Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз

16.04. 2012, № 816 мафҳумҳои асосии соҳаи мазкур – ташкилотҳои дар ин соҳа амалкунанда, шаклу намудҳои хизматрасониҳоро шарҳу тавзеҳ додааст. (саҳ.70-77)

Ҳамзамон раванди таъсис ва ташаккулёбии ташкилотҳои маблағгузории хурд, рушди нишондиҳандаҳои молиявӣ-қарзии онҳо бо ҷадвалу диаграммаҳо, самтҳои хизматрасонии онҳо хеле васеъ таҳлил карда шудаанд. Дар ин замина муаллиф дуруст хулосабаробарӣ намудааст, ки чун дар дигар давлатҳо дар Тоҷикистон низ “дар шумораи умумии мизоҷони ташкилотҳои маблағузории хурд вазни қиёсии занҳо зиёдтар мебошад”. (саҳ. 80-91)

Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дар ин асос коҳиши сатҳи камбизоатӣ ҳамчун вазифаи муҳими афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шуда, сатҳи камбизоатӣ аз 53,5% соли 2007 то 21,2% дар соли 2023 коҳиш ёфтааст. Бинобар ин нуқтаи назари муаллифро оиди рушди маблағгузорию фаъолкунонии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва таъсири он ба сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим арзёбӣ кардан мумкин аст. Дар ин самт дар рисола якчанд роҳҳои такмилдиҳии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод гардидаанд. (саҳ.109-110)

Барои арзёбии вазъи муосири таъсири маблағгузории хурд ба рушди иқтисодиёти миллӣ муаллиф аз воситаҳои муосири таҳлили маълумотҳои ададӣ, аз қабили усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ ва амсиласозии иқтисодӣ-оморӣ истифода бурдааст, ки ин қобили дастгирист, зеро таҳияи амсилаи иқтисодӣ-омории маблағгузории хурд барои арзёбии вазъи муосири ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва дар ниҳоят пешгӯии он аҳамияти бениҳоят баланд дорад. (саҳ.110-121)

Унвонҷуй дар боби сеюм **“Самтҳои асосии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** роҳу усулҳои мукаммалсозии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, танзими давлатии ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурдро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ҳамзамон оиди истифодаи таҷрибаи хориҷии рушди маблағгузориҳои хурд ва имконоти истифодаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фикру ақидаҳои худро баён кардааст. (саҳ.122-170)

Дар **хулоса ва пешниҳодҳо** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳод гардидаанд.

***Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот.*** Саҳеҳии хулосаҳои аз натиҷаи диссертатсия таҳияшуда ва натиҷаҳои илмии он бо истифодаи усулҳои махсуси коркарди маълумоти боэътимод, ҳаҷми кофии маводи ба таҳқиқ фарогирифташуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ асос меёбад. Хулосаҳои умумии аз натиҷаи таҳқиқот таҳияшуда ба вазифаҳои он мувофиқ буда, мазмун ва сохтори диссертатсияро пурра инъикос мекунанд, возеҳ ифода ёфта, дарки ҳамаҷонибаи нуктахои асосии таҳқиқотро таъмин мекунанд.

Мақсади дар диссертатсия муқарраргардида амалӣ шудааст, вазифаҳои гузошташуда иҷро гардидаанд. Хулоса ва тавсияҳои таҳияшуда натиҷаҳои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Дараҷаи саҳеҳии натиҷахои ноилгардидаро арзёбӣ карда, бояд қайд кард, ки дар раванди таҳқиқот шумораи зиёди асарҳои илмӣ, аз ҷумла монографияҳо ва мақолаҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии қонунгузорӣ, омори расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттилооти ҳисоботии ташкилотҳои қарзии хурд истифода шудааст. Дар ин маврид, тавсифи рӯйхати адабиёт бо риояи талаботи муқарраршуда ба ҷо оварда шудааст.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.*** Диссертатсия дар маҷмуъ аз ҷиҳати сохтор, муҳтаво ва мантиқи зикри худ ба вазифаҳо ва мақсадҳои гузошташудаи таҳқиқот мувофиқ аст. Дар он масъалаҳои ташаккул ва рушди маблағгузории хурд дар шароити муосир аз ҷиҳати мантиқӣ комилан дуруст таҳқиқ шудаанд. Таҳлили ҷиҳатҳои назариявӣ ва методии масъалаҳои мазкурро муаллиф бо натиҷаҳои баррасии амалияи ташкил ва пешбурди фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд пурра карда, дар ин асос пешниҳодҳои асоснокро оид ба такмили раванди маблағгузории хурд таҳия кардааст. Истифодаи равиши мазкур ҳангоми таҳқиқот ба муаллиф имкон додааст, ки асоснокии муқаррарот, хулоса ва тавсияҳои аз натиҷаи диссертатсия бадастовардаи худро таъмин кунад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

***Аҳамияти илмии таҳқиқот.*** Натиҷаҳои назариявии диссертатсия барои анҷом додани таҳқиқот дар самти ташаккулу рушди раванди маблағгузории хурд ҳамчун бахши муҳими низоми молиявӣ-қарзӣ барои субъектҳои иқтисодӣ шароит фароҳам меоранд.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот.*** Истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои аз натиҷаи таҳқиқот таҳияшуда ба рушди маблағгузории хурд ва

беҳтаргардии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, рушди минбаъдаи онҳо мусоидат хоҳанд намуд. Татбиқи амалии муқаррароти таҳияшуда имкон медиҳад, ки самаранокии маблағгузории хурд барои субъектҳои иқтисодӣ баланд бардошта шавад.

***Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот.*** Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои диссертатсия ба рушди таъминоти ташкилию методии низомҳои маблағгузории хурд созгор буда, ба баланд шудани самаранокии таъминоти қарзӣ ва истифодаи самараноки он мусоидат мекунанд.

***Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.*** Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки рушди низоми маблағгузории хурд дар шароити муосир имкон медиҳад, ки сатҳи камбизоатӣ дар ҷомеа коҳиш дода шуда, ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шаванд, сатҳи бекорӣ дар ҷомеа поён бурда шавад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Доир ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 15 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 7,5 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 4,6 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ба нашр расонида шудааст, ки фарогири ҳамаи бахшҳои диссертатсия мебошанд. Баъзе пахлуҳои мавзуи таҳқиқот дар конференсияҳои илмии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтаанд.

Автореферати диссертатсия аз ҷиҳати сохтор ва муҳтавои худ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Дар матни автореферат муқаррароти асосӣ, муҳтаво, натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот пурра инъикос гардидаанд. Муҳтавои автореферат ва муқарраротн асосии диссертатсия бо ҳам мувофиқ мебошанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи такризшаванда тасдиқ мекунад, ки Вазирзода Дилором Раҷамат ҳамчун мутахассиси соҳаи молия ва қарз ташаккул ёфта, ба ҳалли мустақилонаи масъалаҳои асосии назариявию амалии ин соҳа қодир мебошад, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба ихтисоси илмии интихобкардаи ӯ мувофиқ аст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва муҳтавои он ба талаботи бо шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз муқарраргардида мутобиқ аст. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи

довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифатҳои шоистаи ӯро, чун донишомӯзӣ, қатъият, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мустақилона қабул намудаи қарорҳо ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда махсус бояд таъқид кард.

**6. Эродҳо ва баъзе пешниҳодот доир ба диссертатсия**

Сарфи назар аз паҳлуҳои мусбати диссертатсия, дар муҳтавои он баъзе нуктаҳои баҳснок ва камбудиҳо мавҷуданд, аз қабили:

1. Дар сарсухан саҳми шахсии муаллифи рисола дар таҳқиқот бояд пурратар нишон дода мешуд, зеро натиҷаҳои бадастовардаи ӯ шаҳодати саҳми асосӣ доштани ӯро собит месозанд (саҳ.14);

2. Дар рисола алоқамандии мантиқии раванди тадқиқот на ҳама вақт риоя гардидааст, масалан, дар с.26 муаллифи бе шарҳи зарурӣ маълумот дар бораи намудҳои ташкилотҳои қарзиро ҷой додааст (расми 1), ё ин ки дар с. 148 таҳлили зарурии SWOT бапуррагӣ ба охир нарасида, дурнамои рушди ташкилотҳои маблағгузории хурд барои солҳои 2024-2025 баррасӣ шудааст;

3. Дар раванди таҳлили методикаву моделҳои гуногуни маблағгузории хурди дар дигар давлатҳо истифодашаванда (с.50-67) хуб мешуд, агар муаллиф як ё якчанд намуди онҳоро барои шароити имрӯзаи Тоҷикистон тавсия медод;

4. Сифати кор бурд менамуд, агар муаллиф баланди будани меъёри фоизи маблағгузории хурдро таҳлил намуда, роҳҳои паст кардани онҳоро ҷустуҷӯ менамуд. Умедворем, ки масъалаи мазкур дар таҳқиқотҳои ояндаи муаллиф баррасӣ хоҳанд шуд;

5. Бисёр хуб аст, ки аз тарафи муаллиф омилҳои ба рушди маблағгузории хурд таъсиррасонанда аз рӯи нишондиҳандаҳои гуногун амсилабандӣ шудаанд. Сифати кор беҳтар мегардид, агар дар ҷамъбасти §2.3. натиҷаву коэффисиентҳои бадастомада шарҳу тавзеҳ дода мешуданд (с. 110-121);

Бояд қайд намуд, ки камбудию норасогиҳои нишондодашуда характери тавсиявӣ дошта, ҳаргиз арзишу аҳамияти илмии рисолаи иҷронамудаи Вазирзода Д.Р.-ро кам намекунанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Вазирзода Дилороми Раҷамат кори илмии бaанҷомрасида ба ҳисоб рафта, дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ

навишта шуда, таркиб ва сохтори он ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ва дигар талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ аст.

Диссертатсия бо забони фасеҳ ва бо истифодаи истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии батабърасонидаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дарбар мегиранд, натиҷахои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ гардидааст.

**Хулосаи умумӣ.** Диссертатсияи Вазирзода Дилороми Раҷамат дар мавзуи "Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва бaанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд. Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррарот, хулоса ва пешниҳодҳо, аҳамияти таҳқиқот барои илми иқтисодӣ ва амалияи маблағгузории хурд гувоҳӣ медиҳад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35, 36, 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он - Вазирзода Дилороми Раҷамат барои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор аст.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраҳои фаъолияти бонкӣ ва молия ва андозбандии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (протоколи №12 аз 18.06.2024) баррасӣ ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласа 14 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -14 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи молия ва андозбандии**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ**
**ва соҳибкории Тоҷикистон, н.и.и., дотсент** **Алишоев Х.Ҳ.**

**Котиби ҷаласа, номзади илмҳои иқтисодӣ Хидиралиев Р.**

**Эксперт,**
**мудири кафедраи фаъолияти бонкии**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ**
**ва соҳибкории Тоҷикистон, н.и.и., дотсент Исмоилов А.А.**

Имзоҳои устодон Алишоев Х.Ҳ., Исмоилов А.А. ва Хидиралиев Р.-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ**
**ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Борбад, 48/5, тел: (+992 37) 2348800 (03), 907-755-655,
e-mail: dsx_ips@mail.ru, web: https://iutet.tj/

«18» 06 с. 2024